Кумитаи рушди маҳали
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қарори
ҷаласаи сайёри Ҳайати мушовара

аз «10» октябри соли 2019 № 4/2
н. Шуғнон

Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2019

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, инчунин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи вазифаҳои низомномавии худ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Дар заминаи иҷрои вазифаи низомномавии Кумита оид ба:

- ✓ **омода намудани пешниҳодот оид ба ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал;**
- ✓ **ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ташаккул ва татбиқи сиёсати рушди маҳал.**

Иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ»» зикр гардидаанд, дар мадди аввал қарор дошта, вобаста ба он аз 15 январи соли 2019, №6 фармоиши Раиси Кумита ба тасвиб расид, ки зимни он нақшаи чорабиниҳо иборат аз 32 банд таҳия гардида, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии паём ҷиҳати муайян намудани раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо мушаххас гардиданд.

Ҷиҳати иҷрои 8 банди Нақшаи чорабиниҳои паём (14, 15, 18, 29, 30, 31, 32, 37), Кумитаи рушди маҳал ба сифати иҷрокунандаи 2 ва 3-юм муайян гашта, дар асоси вазифаҳои низомномавии худ ҳамкориву ҳамоҳангсозиро ба роҳ монда, аз натиҷаи он дар муҳлатҳои муқарраршуда

ахборот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардиданд.

Дар ин радиф, таҳлили рафти иҷрои супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» аз 26.12.2018 сол зикр гардидаанд, корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар асоси шакли намунавии пешниҳоди маълумот дар семоҳаи якуми соли 2019 ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб дар ҷаласаи сайёри Кумитаи рушди маҳал дар ноҳияи Варзоб ва шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ташкил ва ба роҳ монда шуда, оид ба таъмини нишондодҳои Паём ва таъсири он ба вазъи марҳилавии рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва ноҳияи Варзоб, шаҳри Кӯлоб муайян карда шуда, пешниҳодҳои мушаххас омода карда шуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардиданд.

Вобаста ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо «Оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд», шаҳру ноҳияҳои Норак, Кӯшониён, Бохтар ва Вахши вилояти Хатлон аз 20 то 23 марти соли 2019, ноҳияҳои Хуросон ва Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Дарвоз, Роштқалъа ва Мурғоби ВМКБ аз 11 то 15 сентябри соли 2018 ва дар маросими ба истифода додани бинои навбунёди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 59 ноҳияи Рӯдакӣ 3 октябри соли 2017 баён доштанд мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он маълумот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Бояд қайд намуд, аз ҷониби Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ ворид намудани тағйирот ба Фармоиши Раиси Кумита аз 26 майи соли 2017, №3 “Дар бораи таъсиси Гурӯҳи корӣ ҷиҳати таъмини таҳлил ва омӯзиши ҷараёни иҷрои Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафарҳои корӣ солҳои 2017-2018 баён доштанд” ба таъхир гузошта гузошта шуда, ба сифати таҳлил ва омӯзиш таъсири манфӣ мерасонад (Аъзоёни гуруҳи корӣ аз кор рафтаанд, Валиев Д.А., Саидов А.Х., Хайруллоев Ҳ.С., ва Беков Б.Х.), (Мирзозода Ҷ.М. ва Боазиз Ш. боқӣ мондаанд).

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ва Протоколи ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2018, №2к/39-24 Нақшаи

чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба корҳои ободонию созандагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо арзиши умумии 543,7 млн.сомонӣ иборат аз 268 банд таҳия ва тасдиқ гардида, иловатан бо ворид намудани 39 банди дигар ба нақшаи чорабиниҳои мазкур, шумораи умумии бандҳо 307 бандро ташкил дод.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби роҳбарияти Кумита бо иштироки аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва роҳбарони бахшу сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ҷаласаҳо баргузор гардида, протоколҳо ва супоришҳои он таҳти назорат қарор дошта, марҳила ба марҳила иншоотҳои соҳаҳои гуногун мавриди истифода қарор дода шуда, истодаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз 307 банди Нақша - чорабиниҳои ҷашнӣ 60 иншоот тибқи нақша ва 30 иншооти дигар берун аз нақша, дар маҷмӯъ 90 иншоот сохта ба истифода дода шудааст. Инчунин, дар 135 банд корҳои созандагӣ оғоз гардида, омода намудани ҳуҷҷатҳо дар 112 банд идома дошта, ҳамкорӣ бо соҳибмулкон, соҳибкорон ва мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» фармоиши Раиси Кумита ва Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, аз 11 апрели соли 2019, №35 тасдиқ гардидааст. Бо мақсади иҷрои банди 13 нақшаи чорабиниҳои мазкур, ҷиҳати ба нақшаи баргузории чорабиниҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ворид намудани баргузории конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Баланд бардоштани мақоми шаҳрак ва деҳот дар сохтори давлатдории муосир» дархост ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида, корҳо дар ин самт идома доранд.

Дар баробари ин, Кумита ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, № АП-1140 ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2019, №16-10-3 низомнома, меъёрҳои муайян намудани ғолибон, рӯйхати ҳайат ва тақсимоти вазифаҳои аъзоёни гурӯҳи кории озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ва меъёрҳои муайян намудани ғолибон оид ба боғҳои фарҳангию фароғатӣ, хиёбон ва бунёди гулгаштҳоро ва дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Рамзи озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ба Дастгоҳи

иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуда, тасдиқ гардид.

Вобаста ба ин, даври ҷамъбастии озмун бо иштироки Комиссияи кории ҷумҳуриявӣ рӯзи 14 апрели соли 2019 дар боғи фарҳангию фароғатии ба номи «Абдулқосим Фирдавсӣ» - и шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар он ғолибон муайян шуда, бо туҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шуданд.

Бо иштироки намояндаи Кумитаи рушди маҳала дар ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод ва Лахш озмуни мазкур дар ҷашни Ваҳдати миллӣ баргузор гардиданд.

Бо мақсади иҷрои банди 34-и Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 тасдиқ гардидааст, Кумитаи рушди маҳал барои дар сатҳи баланд баргузор намудани озмуни Ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтарин дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, Низомнома ва меъёрҳои муайян намудани Ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтаринро таҳия намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Ҳамзамон, дар 29 маҳаллаҳои шаҳри Бохтар санаи 4 - 5 сентябри соли ҷорӣ ва дар кӯчаву маҳаллаҳои шаҳри Душанбе бахшида ба ҷашни 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, Озмуни маҳалла ва кӯчаи беҳтарин бо иштироки намояндагони Кумита баргузор гардида, ғолибони озмун бо туҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шуданд.

Дар заминаи иҷрои вазифаи низомномавии Кумита оид ба:

- ✓ **пешниҳоди таклифҳо оид ба такмили фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ, тақвияти масъулияти онҳо дар назди ҷомеа;**
- ✓ **пешниҳоди таклифҳо доир ба такмили идоракунии маҳаллӣ.**

Масъулини Кумита оид ба рафти иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2013, №АП-2209 вобаста ба такмили сохтори мақомоти ҳудудии худфаъолияти ҷамъиятӣ ва таҳкими ҳамкории онҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба тариқи таҷрибавӣ ва фаъолияти шуъбаи кор бо маҳаллаҳои дастгоҳи Раиси шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро мавриди омузиш қарор дода, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2019, №1/4-116 ва ба унвонии раисони ВМКБ ва раиси шаҳри Хоруғ аз 30 майи соли 2019, №1/4-420 пешниҳодҳо ирсол карда шудааст.

Бо мақсади иҷрои банди 3.2 Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи дуюми соли 2019, ки бо фармоиши Раиси Кумита аз 20 июни соли 2019, №51 тасдиқ шудааст, ҷиҳати амалигардонии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва

“Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ” бо иштироки раисон ва котибони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Рашт 12 сентябри соли ҷорӣ бо иштироки зиёда аз 100 нафар кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот семинар-машварат дар ноҳияи Рашт баргузор карда шуд.

Вобаста ба иҷрои супориши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №39 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» банди 22 сархати 1 оид ба “якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба беҳтар намудани идоракунӣ дар минтақаҳо, махсусан дар сатҳи шаҳрак ва деҳот” омӯзиши низоми идоракунии маҳаллӣ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуда, пешниҳодҳои мушаххас оид ба зарурати беҳтар намудани сохтори идоракунии маҳал, аз ҳисоби хаматарафа фаро нагирифтани ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ва расонидани хизматрасониҳо ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Кӯлоб ирсол гардиданд.

Ҳамзамон, барои ноил гардидан ба тақсими дақиқи функсияҳо, вазифа ва ваколатҳо оид ба пешкаш намудани хизмарасонӣ ба аҳолӣ, беҳтар намудани сифат ва дастрасии он хулосаи Кумита оид ба муаммо дар таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ» ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Доир ба анҷом додани сафари корӣ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мақсади омӯхтани таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба соҳаи қонунгузорӣ дар рушди маҳал, фаъолияти ҷамоатҳо ва кумитаҳои маҳалла дар ҳайати намояндагӣ аз Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот дархост ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2019, №1/5-157 пешниҳод гардида, мувофиқи тартиби муқарраргардида ба анҷом расонида мешавад.

Дар як вақт таҳлили вазъи иҷрои марҳилавии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва нишондодҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», вобаста аз раванди амалишавии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. ба охир расонида шуда, баррасии он дар ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумита

пешбинӣ шудааст.

Дар заминаи иҷрои вазифаи низомномавии Кумита оид ба:

- **ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба татбиқи мақсад ва вазифаҳои стратегии рушди маҳал;**
- **пешниҳоди таклифҳо оид ба таҳия, мониторинг ва арзёбии иҷрои сттратегия ва барномаҳои рушди маҳаллӣ ва минтақавӣ;**
- **таҳия намудани тавсияҳо ҷиҳати фаъолгардонии нерӯи иқтисодии минтақаҳо, ба муомилоти хоҷагидорӣ ҷалб намудани дороиҳо ва захираҳои мавҷуда.**

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №39 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019»-ро барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, вобаста ба он нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, бо фармоиши Раиси Кумита аз 21 феврали соли 2019, №19 тасдиқ намудааст.

Вобаста ба иҷрои банди 1-и қарори мазкур ҷиҳати саноаткунонии кишвар ва зиёд намудани ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ фаъолияти худро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои истеҳсолии нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ дар мувофиқа бо Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.04.2019 с., №366/24 ва аз 03.07.2019 с., №3127/24.2 баррасии натиҷаи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 – 2020, ва омӯзиши корҳои анҷомдодаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 – 2019 дар ҷаласаҳои сайёри ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳал дар ноҳияи Варзоб ва шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуданд.

Доир ба камбудиҳои ошкоргардида Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ноҳияи Варзоб таҳия гардида, барои ислоҳи камбудиҳо мавриди иҷро қарор дода шудааст.

Ҳамзамон, пешниҳодҳои ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳал дар ноҳияи Варзоб ба воситаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати амалигардонии лоиҳа чорабиниҳо, тезонидани суръати азхудкунии маблағи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 – 2020 ва Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015 – 2019 ирсол карда шуданд.

Аз натиҷаи корҳои анҷомдодаи мақомоти марказӣ оид ба татбиқшавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои

солҳои 2016 – 2020 маълумот ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст гардида, маълумотнома ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 августи соли 2019, №1/5-173 ирсол карда шуд.

Инчунин, аз натиҷаи ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумита маълумотнома ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 18 июли соли 2019, №1/5-527 ва шаҳри Кӯлоб аз 18 июли соли 2019, №1/5-528 барои корбарӣ ваислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ирсол карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал суръати сусти иҷрои банди 22 сархати 2 - и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №39 “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” ва Нақша чорабиниҳои Фармоиши Раиси Кумита аз 31 феврали соли 2019 якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба пешниҳоди таклиф  оид ба фарқияти афзояндаи иҷтимоию иқтисодии байни шаҳр ва деҳот ба назар мерасад, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди 5-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Кумита аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҳисоботҳоро оид ба натиҷаи мониторинг ва арзёбии барномаҳои рушди иҷтимоии онҳо ҷамъоварӣ  ва ҷамъбаст намуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод намуд.

Барои иҷрои супоришҳои муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июли соли 2019, №18478(27-6) ва аз 31 августи соли 2019, №6/27-60, лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Барномаи саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2020-2025” ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2020-2025”-ро баррасӣ намуда, маълумот ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2019, №1/5-531 ва аз 11 сентябри соли 2019, № 1/5-595 ирсол карда шуд.

Дар заминаи иҷрои вазифаи низомномавии Кумита оид ба:

✓ **ҳамоҳангсозии тадбирҳо ва фароҳам овардани шароит барои рушди маҷмӯии марзию маъмурӣ.**

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи рушди маҳал лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи шаҳрак мансуб донистани Ҷамоати деҳоти «Мурғоб» маркази маъмурии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», «Дар бораи таъсис додани Ҷамоати шаҳрак дар заминаи Ҷамоати деҳоти Ховалинги ноҳияи Ховалинг» -ро ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудааст. Дар ин раванд, Кумита вобаста ба мутобиқ намудани номи маҳаллаҳои аҳолинишини баъзе деҳаҳои дурдасти шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд санади меъёрию ҳуқуқӣ тартиб дода, айни ҳол дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор дошта, ҷиҳати мутобиқ намудани баъзе маҳаллаҳои аҳолинишин ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ” ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд аз 13 августи соли 2019 №2/4-566 маълумот ирсол гардид.

Дар ин давра, Кумитаи рушди маҳал лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иваз намудани номгузории 30 деҳаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро таҳия намуд, ки дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Дар заминаи иҷрои вазифаи низомномавии Кумита оид ба:

✓ **ҳамоҳангсозии тадбирҳо оид ба рушд ва дастгирии соҳибкорӣ дар сатҳи маҳал.**

Вобаста ба иҷрои банди 16 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2020» бо Фармоиши Раиси Кумита аз 26 феврали соли 2019 гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, барои ба роҳ мондани ҳамкории самараноки вазорату идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ (ҳамаи сатҳҳо) бо соҳибкорон пешниҳодҳо омода гардида, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар ин раванд, санади меъёрии ҳуқуқии Кумита ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2019, №95 дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рузи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши Раиси Кумита аз 27 марти соли 2019, №30 ба тавсиб расонида шуданд.

Вобаста ба иҷрои супориши муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2019, №35743(22.7) оид ба пешниҳоди маълумоти мушаххас аз натиҷаи таъмини иҷрои саривақтӣ ва босифати бандҳои Нақша-чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгириии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти

таҳлилӣ ва мушкилотҳои рушди соҳаи соҳибкорӣ мувофиқи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси маълумоти Шакли намунавии ҳисоботи 3, 6-моҳаи ва солонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2019, №1/5-569 ирсол карда шуд.

Мувофиқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Консепсияи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2035» мавриди баррасӣ қарор дода шуда, таклифҳои Кумита ба мақоми ваколатдор ирсол гардид;

Дар заминаи иҷрои вазифаи низомномавии Кумита оид ба:

- ✓ **арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот;**
- ✓ **арзёбии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ноил гардидан ба мақсад ва вазифаҳои стратегии рушди минтақа.**

Кумитаи рушди маҳал «Шакли намунавии пешниҳоди маълумот»-и ҷамъбастӣ, вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи ҳисоботии семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона» такмил дода, бо дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №348/24 ба суроғаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои иҷро ва корбарӣ ирсол намуд.

Натиҷаи арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар семоҳаи аввали соли 2019 бо истифодаи “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот” омода гардида, аз 15 майи соли 2019, №1/5-105, №1/5-106, №1/5-107, №1/5-108 ва аз 01.08.2019, №1/5 – 165 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳо ирсол гардидааст.

Вобаста ба ислоҳи камбудиҳои “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот” дар соли 2018 ва 3 моҳаи аввали соли 2019 вокуниши вазорату идораҳоро оид ба ислоҳи камбудиҳои қайдгардида ҷамъбаст намуда, аз 21 майи соли 2019, №1/5-112 маълумот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Ҳамзамон, супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, №3111 (24.2) ва аз 11 сентябри соли 2019, №3160 (24.2) бо мақсади ислоҳи камбудиҳо дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба вазорату идораҳо, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар равона гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ вобаста сифатнок омода намудан ва риояи муҳлати пешниҳоди натиҷаи таҳлили маълумоти “Шакли намунавии

пешниҳоди маълумот оид ба ҳисоботҳои 3, 6, 9 – моҳа ва солонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо” ба миён омадааст, ки пешбинӣ намудани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Дар заминаи иҷрои вазифаи низомномавии Кумита оид ба:

✓ **андешидани тадбирҳо барои рушди озод ва муназзами минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- вобаста ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Протоколи ҷаласаи 6-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ баррасӣ намуда, таклифу пешниҳодҳоро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2019, №1/5 – 357 манзур намуд;
- оид ба ҷамъбасти натиҷаи вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунан - дагон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома аз 19 апрели соли 2019, №1/4-87 ирсол намудааст;
- оид ба иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои Протоколи ҷаласаи сайёри Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2018, №2к/84-24 бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ҳамоҳангсозӣ намуда, аз 30 майи соли 2019, №3/5-423 таклифҳоро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст;
- ҷиҳати дастрас намудани маълумот оид ба садақаи фитр барои эҳтиёҷоти шахсони яккаву танҳо, маъюбон, оилаҳои камбизоату барҷомонда, барқарорсозӣ ва бо асбобу анҷоми рӯзгор таъмин намудани хонаҳои истиқоматии онҳо, инчунин таъмири муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабу боғча, бунгоҳи тиббию беморхона, китобхона, бунёди роҳу пулҳо, кашидани хати барқу об барои маҳаллаву деҳаҳо ва дигар корҳои ободонӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мутахассисони Кумита аз 31 май то 4 июни соли 2019 сафари хизматӣ анҷом дода, ба масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ёрии методӣ расонида, маълумотҳоро аз мақомотҳои зикргардида дастрас намуда, аз натиҷаи ҷамъбастии он маълумотнома аз 7 июни соли 2019, №1/4-122 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудааст;
- оид ба дархости муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳаллу фасли мушкилиҳо баҳри

рушду нумӯи маркази маъмурии ВМКБ шаҳри Хоруғ, пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдорро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома аз 6 марти соли 2019, №1/4-58 ирсол намудааст;

- ҷиҳати иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 майи соли 2019, №2к/37-22 оид ба иҷрои бандҳои дахлдори Протоколи ҷаласаи дуюми Комиссияи давлатии мусоидат ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, маълумот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2019, №1/5-143 пешниҳод гардидааст;

- вобаста ба иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2019, №17753 вобаста ба таҳияи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуданд.

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дархости вазорату идораҳо хулосаҳои Кумитаи рушди маҳал ба масъалаҳои зерин пешниҳод карда шудааст:

- ҷиҳати баргузории «Форум ва Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Тоҷикистон – 2019»;

- дар хусуси арзёбии миёнамӯҳлати лоиҳаи «Идоракунии оби бехатари ошомиданӣ ва беҳдошт» дар ноҳияҳои дахлдори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлон;

- бо мақсади омӯзиши лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гирифтан ва ба раёсати маорифи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшани вилояти Суғд додани қитъаи замин» аз ҳисоби заминҳои хоҷагии деҳқонии ба номи «Набиев Мухтор» -и шаҳри Истаравшан ва «Дар бораи гирифтан ва ба Ҷамоати деҳоти Кӯлканди шаҳри Исфара додани қитъаи замин аз ҳисоби заминҳои фонди захиравии кооперативи истеҳсолии ба номи «Фахриддин Нуриддинов»-и шаҳри Исфара;

- баргузор намудани «Намоишгоҳи ҷумҳуриявии дастовардҳои соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ, масолеҳи сохтмони ватании воридотивазкунанда ва нақши ҳунарҳои мардумӣ дар муаррифии миллӣ» дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

- оид ба лоиҳаи Протоколи бародаршаҳрӣ байни шаҳри Асвони утони Асвони Ҷумҳурии Арабии Миср ва шаҳри Нораки вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд”;

- лоиҳаи қонуни намунавии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои мустақил “Дар бораи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ”;

- оид ба Нақша - чорабиниҳо аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия вобаста ба пешбурди ҳамкориҳои минтақавӣ, тавсеа ва таъмини робитаҳо байни ду давлат дар соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ;

- оид ба ташаббуси Россия ба роҳандозии ҳамкориҳо ҷиҳати рушди минтақаҳо ва деҳоти дурдасти давлатҳои узви СҲШ;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Созишномаи ҳамкорӣ байни вилояти Суғд ва вилояти Ниҷегородски Федератсияи Россия;

- оид ба иҷрои банди 12 Нақша - чорабиниҳо аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- оид ба андешидани чораҳои саривақтӣ ҷиҳати ба анҷом расонидани расмиёти дохили давлатии санадҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия;

- лоиҳаи Созишномаи бародарӣ ва дӯстӣ байни устони Ҷануби Синои Ҷумҳурии Арабии Миср ва вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- оид ба лоиҳаи Созишномаи бародаршаҳрӣ байни шаҳри Душанбе ва шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон;

- мавқеи ҷониби Ӯзбекистон ва Қазоқистон оид ба лоиҳаи Консепсияи ҳамкориҳои давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай роҷеъ ба рушди минтақаҳо ва деҳоти дурдасти дар қарни технологияи рақамӣ;

- «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

- дар бораи ташрифи коршиноси байналмилалӣ барои омодагӣ ҷиҳати баргузории таҳқиқоти хонаводаҳо оид ба таҳияи махзани маълумотҳо бо дарназардошти ҷалби шарикони рушд дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ вобаста ба дарёфти сарчашмаҳои нави иттилоот;

- вохӯрии масъулини Кумита бо Доктор Макс Георг Майер - Роҳбари намояндагии Бунёди Ҳаннс Зайдел дар Осиёи Марказӣ ва намояндагони ташкилоти байналмилалии GIZ.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Кумита 1755 ҳуҷҷатҳо ворид гардидааст, аз он ҷумла: Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 4 адад, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 19 адад, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 60 адад, Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 адад, қарорҳои

маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 16 адад, нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 26 адад, 327 адад мактуб аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 34 адад барқияи ҳукуматӣ аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145 адад барқияҳои телефонӣ аз вазорату идораҳо, 595 мактуб аз вазоратҳо, кумитаҳо ва дигар мақомотҳо, 523 мактубҳо аз вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ворид шудааст.

Дар ин давра аз тарафи роҳбарияти Кумита 82 нафар шаҳрвандон шифоҳӣ қабул карда шудаанд.

Ҳамзамон, ба Кумита 7 адад муроҷиатҳои хаттии шахсони воқеӣ ва 1 адад муроҷиати хаттии шахсони ҳуқуқӣ ворид шудаанд. Муроҷиатҳо асосан оид ба ташкили боғ, дастгирии лоиҳаҳо вобаста ба гузаронидани оби ошомиданӣ ва расонидани кӯмакҳои моливиро дар бар мегиранд, ки ҳамаи онҳо дар асоси муқаррароти Қонуни болозикр баррасӣ карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳои низомномавӣ ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҚАРОР МЕКУНАД:**

**1.** Маълумот оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2019 ба инобат гирифта шавад.

**2.** Раёсати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ вазифадор карда шавад, ки:

– ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба иҷрои банди 34 Нақшаи чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 ва фармоиши Раиси Кумита аз 14 майи соли 2019, №43 “Дар бораи солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” вобаста ба баргузории Озмуни Ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтарин дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

– барои иҷрои бандҳои дахлдори Нақша – чорабиниҳои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон 23-24 майи соли 2019, ба шаҳри Ваҳдат 2 августи соли 2019, Балҷувон ва Ховалинги вилояти Хатлон 5-8 августи соли 2019 баён доштанд, дар асоси маълумоти Шакли намунавии ҳисоботи 3, 6, 9-моҳа ва солонаи мақомоти

иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр барои ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди истифода қарор дода, аз натиҷа ба масъулони бандҳои мазкур ахборот манзур карда шавад.

**3.** Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал вазифадор карда шавад, ки:

– бо мақсади иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2019, №17753 ҳамкориро бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳияи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ба роҳ монда, аз натиҷа ба ба Роҳбарияти Кумита мунтазам маълумот пешниҳод намояд;

– натиҷаи арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилояту шаҳру ноҳияҳо дар асоси маълумоти Шакли намунавии ҳисоботи 9-моҳаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояту шаҳру ноҳияҳо дар соли 2019 барои иҷрои супориши банди 4 сархати 1 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2019 с., №393 “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2019” оид ба “фаъолгардонии коргоҳу корхонаҳои мавҷуда ва иқтидори истеҳсолӣ” пешниҳодҳоро омода сохта, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд.

– ҷиҳати таъмини иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.07.2019 с., №113670(29-7) оид ба “Нақша чорабиниҳо вобаста ба натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Белорус *(28-30 июни соли 2019, Минск)*” банди 13 “Пешбудри ҳамкориҳои минтақавӣ, тавсеа ва таъмини робитаҳо байни минтақаҳои ду давлат дар соҳаҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ, илмӣ – техникӣ ва фарҳангӣ – гуманитарӣ” ҳамкориҳоро бо вазорату идораҳои дахлдор ба роҳ монда, аз натиҷа мунтазам маълумот пешниҳод намояд.

**4.** Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат вазифадор карда шавад, ки:

– дар ҳамкорӣ бо воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баррасии масъалаи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №115 ва лоиҳаи Низомномаи намунавии дастгоҳи Ҷамоати шаҳрак ва деҳот” чораҳои зарурӣ андешад.

**5.** Шуъбаи умумӣ, кадрҳо ва корҳои махсус вазифадор карда шавад, ки:

– ҷиҳати ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатии кормандон, омода намудани захираҳои кадрҳои хизматчиёни давлатии Кумита хусусан бо инобати баробарии гендерӣ, таъмини иҷрои корҳои ташкилӣ бахшида ба ҷашнҳои давлатии ба нақша гирифташуда тадбирҳои зарурӣ андешида аз натиҷа мунтазам ба Роҳбарияти Кумита маълумот пешниҳод намояд.

**6.** Бахши молиявию баҳисобгирӣ вазифадор карда шавад, ки барои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №117 "Оид ба саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020" вобаста ба кам намудани талафоти барқ, гармӣ, об чораҳо андешида аз натиҷа ба Роҳбарияти Кумита мунтазам маълумот пешниҳод намояд.

**7.** Назорати иҷрои қарори мазкурро ба зиммаи худ вогузор менамоям.

Раиси ҷаласаи Ҳайати мушовара,
Раиси Кумита Қосим Роҳбар